ПРОТОКОЛИ №1 - КЭ
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-152 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 27 октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар

Раиси шуро: Сафаров Ш.А.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 15 нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.09.2026, №356/шд тасдиқ шудааст, 12 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Пешниҳод якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Баромад намуданд: раиси шурои диссертатсионӣ Сафаров Ш.А., котиби илмии шуро Муҳиддинзода Б. ва аъзои шурои диссертатсионӣ Шербоев С.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Маҳмадсаидзода Шаҳноза Маҳмадсаид дар мавзуи «Амсилаҳои муосири хадамоти методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба экспертизаи аввалия

қабул карда шавад.

2. Комиссияи коршиносон дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:
- доктори илмҳои педагогӣ Рӯзиева Л.Т.;
- доктори илмҳои педагогӣ Давлатшоев И.;
- доктори илмҳои педагогӣ Иззатова М.И.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Пешниҳод якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Б.

"Имзои Сафаров Ш.А. ва Б. Муҳиддинзодаро тасдиқ мекунам"

Нозири кадр ва коргузории АТТ М. Саидова